**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ализода Аҳмадҷон Абдуқодир дар мавзӯи «Хусусиятҳои гидрологии истифодаи дарёҳои хурд дар рушди гидроэнергетика (дар мисоли вилояти Хатлони Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ, аз рӯи ихтисоси 25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон мисли ҷумҳуриҳои дигари Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон, сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурд (НБОХ) асосан дар пайвастагӣ бо энергоистеъмолкунандаи мушаххаси воқеӣ лоиҳабандӣ мешудаанд, вале бо такя ба ин омил, дар бораи захираҳои потенсиалии обраву дарёҳои хурди мамлакат хулоса пешниҳод кардан мумкин нест.

Коркарди нақшаи истифодабарии комплексӣ ва ҳифзи захираҳои обии ҷумҳурӣ бо истифода аз усули асосии омӯзиши захираҳои гидроэнергетикӣ муайян мегарданд ва агар аз рӯи мавқеъи гидроэнергетикаи хурди Тоҷикистон назар афканем, пас ин масъала баррасии нав ва ҳаллу фасли комилтарро тақозо менамояд, чунки муҳлати амали нақшаҳои солҳои пеш тарҳрезишуда ба поён расидааст.

Аз ҳамин хотир зарурат ба миён омадааст, ки бо истифода аз усулҳои замонавии таҳлилу амсиласозиҳо ва дар асоси ҳисобкунии нишондиҳандаҳои асосии гидрологии дарёҳои хурду каналҳои ирргатсионии Тоҷикистон муайян намудани иқтидори энергетикии онҳо, сатҳи самаранокии истифодабарии ин иқтидорҳо тавассути сохтмони НБОХ ва саҳми онҳо дар рушди гидроэнергетикаи мамлакат, баррасӣ ва ҳаллу фасл гардад.

Дар кори диссертатсионии мазкур вобастагии рушди гидроэнергетикаи Тоҷикистон аз хусусиятҳои гидрологии обравҳо, аз ҷумла дарёҳои хурд ва каналҳои ирригатсионӣ ва ҳолати захираҳои гидроэнергетикии онҳо таҳқиқ гардида, зарурати истифодаи самараноки ин иқтидорҳои гидроэнергетикӣ тавассути сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурд (НБОХ), миниНБО ва микроНБО, бо далелҳо пешниҳод шудааст.

Инчунин афзалият ва камбудиҳои сохтмони НБОХ дар асоси натиҷаҳои ҳисобкунии нишондодҳои гидрологии дарёҳои хурд ва каналҳо муайян ва дар доираи оптималии таъсири як НБОХ, ки 30 километрро ташкил медиҳад, усули муайян кардани тавоноии миёнаи чунин НБОХ таҳлил ва пешниҳод шудааст.

**Натиҷаҳои асосии кор** дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии муҳокима ва баррасӣ гардидааст.

Кори диссертатсионӣ ба бандҳои шиносномаи ихтисоси 25.00.27-Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия мувофиқат менамояд:

Кори диссертатсионии Ализода А.А. дар мавзӯи "Хусусиятҳои гидрологии истифодаи дарёҳои хурд дар рушди энергетика (дар мисоли вилояти Хатлони Тоҷикистон)" таҳқиқоти мукаммал ва ба анҷом расидаи илмии дорои нишондодҳои мубрамият, навгонӣ, ягонагии дохилӣ ва аҳамияти илмию амалидошта ба ҳисоб рафта, ба талаботи "Низомномаи тартиби додани дараҷаҳо ва унвонҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№295, аз 26 июни соли 2023) тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад ва муаллифи он барои сазовор шудан ба дараҷаи номзади илмҳои техникӣ, аз рӯи ихтисоси 25.00.27-Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия, арзанда мебошад.

**Мукарриз,**
**номзади илмҳои георафия,**
**дотсенти кафедраи механикаи**
**сохтмон ва иншооти гидротехникии**
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон**
**ба номи Ш.Шоҳтемур** **Бобиев Д.Ф.**

Имзои н.и.г., дотсент Д.Ф. Бобиевро **тасдиқ мекунам.**

Сардори Шуъбаи таъминоти
ҳуқуқӣ ва кадрҳои ДАТ
ба номи Ш.Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.

«25» 03 с. 2024